**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046**
**дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)**
**ба Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин**
**протоколи №16 аз 17 .02.2024**

Диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ санаи 20 ноябри соли 2023, протоколи №36 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков,1, ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 08 апрели соли 2022).

Мавзуи кори диссертатсионии Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар маҷлиси Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тасдиқ шудааст. (Протоколи № 08 аз 27. 09. 2018с).

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 7 марти соли 2023, протоколи № 03 муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Маҳкамов Дастам** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ**:

**Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Туев Шоҳин Шоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар хулосаи мусбии худ, ки аз тарафи номзади илмҳои физика-математика, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезӣ дотсент Мухамедова Ш.Ф. таҳия шудааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода М.М. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки тадқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯ Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин, масъалаи таълими фосилавии фанҳои риёзӣ-табииро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор месозанд.

Рисолаи таҳиянамудаи муаллиф ба яке аз масъалаҳои камомухташуда, яъне таҳсилоти фосилавӣ ва хусусияти педагогии методикаи омузиши фанҳои риёзӣ-табиӣ дар ин низом, бахшида шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз мушаххас гардонидани моҳият ва сохтори мафҳуми «таълими фосилавӣ», таҳияи меъёр ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи он, муайянкунии самтҳои асосӣ, талабот ва шароитҳои педагогии ташкили фаъолияти таълимии донишҷуён дар шароити таълими анъанавӣ ва фосилавӣ, таҳияи технология ва усулҳои нави шаклҳои фосилавии раванди таълим дар доираи омодасозии таълимгирандагон аз рӯйи фанҳои равияи табиию риёзӣ ва барои татбиқи амалӣ пешниҳод карда шудааст, коркард ва пешниҳоди тавсияҳо баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ иборат аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мавқеи таҳсилоти фосилавиро дар омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, роҳу равиши вусъатбахши онро ҳамчун омили боэътимод асоснок менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани назария, коркарди тавсияҳои методӣ, таҳияи барномаҳо ва курсҳои махсус барои донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, истифодаи таҳсилоти фосилавӣ дар амалия, маърӯзаю суханронӣ оид ба раванди роҳандозии низоми фосилавӣ ва риояи талаботҳои он омили беҳтарин хоҳад буд.

Масъалаи дар кори диссертатсионӣ таҷдидшаванда дар корҳои дигар олимон ба таври ҷудогона баррасӣ шудааст, аммо дар кори мазкур ҳамаи

паҳлуҳои методикаи таълими фосилавӣ мавриди омӯзиш ва таҷдид қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 номгӯи мақолаҳои илмӣ, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯ дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 3 номгӯ дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд. Дар ҳамаи мақолаҳои илмии Зиёвиддинзода Зулолиддин мухтавои таҳқиқот ба таври зарурӣ инъикос гардидаанд.

Рисолаи илмии Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)» тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мебошад.

Инчунин ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардиданд:

Тақризи аввал аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, сармутахассиси шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор Негматов Саъдулло Эргашевич. Тақриз мусбӣ мебошад, вале муқарриз чунин эродҳоро пешниҳод намудааст:

1. Дар қисмати хулосаҳои умумӣ мебоист андешаҳои муаллифи рисола оид ба сифати таълим дар заминаи таҳсилоти фосилавӣ баён мешуд, зеро андешаҳо оид ба пойдории ин шакли ҷадиди таҳсил гуногун ва пурихтилофанд.
2. Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имловӣ, грамматикӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд.

Тақризи дуюм аз ҷониби номзади илмҳои физика-математика, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ғаюров Ҳ.Ш. пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи сеюм аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллимаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Амирова Гулнисо пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ арзёбӣ шудааст, вале муқарриз ду эрод дорад:

1. Дар боби якум хуб мебуд агар диссертант оид ба вазъи воқеии таҳсилоти фосилавӣ андешаҳои худро иброз медошт.
2. Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имловӣ, грамматикӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд.

Тақризи чорум аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи сохтмон ва корҳои маркшейдерии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Юсупов С.М. дода шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" аз 11 декабри соли 2023, протоколи №37 интихоб шуданд.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1) анъанаҳои рушди таҳсилоти муосир, ки барои роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ моҳиятнок мебошанд, ошкор карда шуданд;

2) дар асоси таҳлили низомӣ-ахборотӣ тақсимоти захираҳои маърифатии Тоҷикистон муайян карда шуданд;

3) шакл ва методҳои таълим, ки истифодаи дурусти он ташаккули маърифатӣ ва шахсиятии донишҷӯро таъмин менамояд, муайян карда шуданд;

4) шароитҳои педагогӣ, ки риояи он таъминкунандаи самаранокии таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ошкор шуданд;

5) баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилоти фосилавӣ ва омодагии мутахассисони соҳибкасб тавсияҳо коркард шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** чунин зоҳир мешавад:

Натиҷаҳои ба даст омада дар таҳқиқи асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи назариявӣ хидмат менамояд. Диссертатсия мавқеи таҳсилоти фосилавиро дар омӯзиши фанҳои табиӣ- риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, роҳу равиши вусъатбахши онро ҳамчун омили боэътимод эътироф менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо ва курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди омодагӣ ба дохил гардидан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода намудани воситаҳои аёнӣ, маърӯзаю баромадҳо оид ба раванди роҳандозии низоми фосилавӣ ва риояи талаботҳои он омили беҳтарин хоҳад буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот,** ки дар раванди кори таҳқиқотӣ ба даст оварда шудаанд, ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш ва таҳлили осори бадеӣ, фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, тавассути истифодаи усулҳои муқобилгузорӣ ва муқоисавӣ, асоснок шуда, нуқтаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардида, муқобилгузории натиҷаҳои аз раванди озмоиш бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию назоратӣ, таҷрибаҳои шахсии баргузорнамудаи муаллиф ба сифати омӯзгори фанҳои табиӣ- риёзӣ ва корҳои озмоишӣ ширкаткунанда таъмин карда мешавад.

**Саҳми шахсии довталаб** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот: дар пажӯҳиши назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати __10__ нафар, аз онҳо 8 нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ __10 нафар______

муқобили додани дараҷаи илмӣ __нест___________

бюллетенҳои беэътибор ______ нест___________

## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) ба Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин**

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 17 феврали соли 2024 зимни баррасии маърӯзаи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи “Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои

таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), хулосаи роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Махкамов Дастам; хулосаи ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 7 марти соли 2023, протоколи № 03; хулосаи муассисаи пешбар – МДТ "Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон", муқарризони расмӣ, ҳамчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин доир ба эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои ба табъ расида

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-046 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома "Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро ("тарафдор" - 10 нафар, "зид"-нест , "бюллетенҳои бекоршуда"- нест ), диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи "Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), ба талаботи Низомномаи «Дар бораи тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй ҳисобида шавад ва ба Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи

таҳсилоти  касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) дода шавад.

2. Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” дар мувофиқа бо талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ»-и Низомномаи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, қабул карда шавад.

3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шуроро тасдиқ намояд ва  ба **Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин** дипломи дараҷаи илмии  номзади илмҳои педагогӣ аз  рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти  касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА 046 -и назди МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева М.А.

17.02.2024 с.